# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исвалиев Сино Мирзоназарович дар мавзуи «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо заҳрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) пешниҳод шудааст.

**Муҳиммияти мавзуъ.** Бемории сил то имрӯз яке аз масъалаҳои ҷиддии соҳаи тандурустӣ ва тибби ветеринарӣ ба ҳисоб меравад. Ин ки дар ҷаҳон ҳоло ягон кишвар пурра аз ин беморӣ озод нест, худ далели равшани аҳаммияти баланди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доштани он мебошад. Бо дарназардошти паҳншавии густурда ва таъсири вазнини иҷтимоии сил, Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ соли 1993 онро «Хатари умумиҷаҳонӣ» эълон кард. Тибқи пешгӯиҳои коршиносон, ин беморӣ дар даҳсолаи оянда метавонад то 30 миллион нафарро сироят намояд. Айни ҳол беш аз 48 миллион аҳолии ҷаҳон ба сил мубтало буда, ҳар сол то 8 миллион ҳолати нави сироят ва тақрибан 3 миллион марг ба қайд гирифта мешавад.

Сил дар радифи бемориҳои сирояткунандаи ҳайвонот ва одамон мавқеи хосро ишғол менамояд. Гарчанде ки бемории сил назар ба бисёр бемориҳои сироятии дигар бештар омӯхта шудааст, он то ҳол аз бисёр ҷиҳатҳо ҳамчун бемории муаммодор боқӣ мондааст. Дар шароити Тоҷикистон, сарфи назар аз тадбирҳои андешидашудаи пешгирӣ ва солимгардонии чорво, вазъи эпизоотии сили чорвои калони кишоварзӣ ҳамоно шиддатнок ва пбаҳсбарангез боқӣ мебошад.

Ташхиси саривактӣ ва дуруст асоси ҳама чорабиниҳои зиддисилиро ташкил медиҳад. Усули асосии муайянсозии бемории сил ин санҷиши дохилипӯстии туберкулинӣ мебошад, ки дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои ҷаҳон самаранокии амалии худро собит намудааст. Аммо натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки ҳангоми сенсибилизатсияи ҳайвонот бо микобактерияҳои ғайрисилӣ гузоштани ташхиси дақиқи сил бо ин усул душвор мегардад.

Дар раванди тадқиқоти илмӣ ва гузаронидани таҷрибаҳо муаллифи рисола ба хулосаҳои зерин омадааст: Тадқиқоти анҷомдодаи муаллиф нишон доданд, ки маҷмӯи усулҳои истифодашуда, аз ҷумла санҷиши аллергии симултанӣ, сирояткунии таҷрибавӣ бо штаммҳои маҳаллии микобактерияҳои ғайрисилӣ, таҳлили клиникӣ-патологоанатомӣ ва

арзёбии фаъолияти пробиотикҳо — имкон фароҳам оварданд, ки хусусиятҳои сенсибилизатсионии микобактерияҳои ғайрисилӣ дар шароити Тоҷикистон бо эътимоднокии баланд муайян карда шаванд. Тақсимбандии ҳайвонот ба гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ, инчунин интихоби дақиқи намудҳои микобактерияҳо (M. phlei, M. smegmatis, M. fortuitum) имкони омӯзиши фаркияти аксуламалҳои аллергӣ ва муайян намудани давомнокии сенсибилизатсияро ба вуҷуд овард.

Хулоса, рисолаи номзадии Исвалиев Сино Мирзоназарович таҳти унвони «Таъсири Bacillus subtilis ба зоҳиршавии аксуламали ғайрихоси аллергии туберкулинӣ» ба талаботи муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 4.3.2. Микробиологияи ветеринарӣ (вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ, масуниятшиносӣ) ҷавобгӯй буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Директори Институти тибби
Ветеринарии АИКТ, н.и.в. Атовуллозода Р.А.
23.06.с2026

Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, куч. Клара Сеткина х. 8 ҳуҷ 17.
Телефон: (+992) 907-80-44-63.
Почтаи электронӣ: rajabmurod69@mail.ru

Имзои Атовуллозода Раҷабмурод
Атовуллоро тасдиқ мекунам:
Нозир оид ба кадрҳои ИТВ АИКТ Шабнами Р.

Суроға: Институти тибби ветеринарии АИКТ,
734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ул. А. Каҳҳоров 43.
Телефон: (+992) 372-27-51-92.
Почтаи электронӣ: iveterinari@mail.ru

23.06.с2026